«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________**
«_23_» _______________соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Диссертатсияи номзадии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.**

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф соли 2016 ба шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори ДМТ аз 24.10.2019 с. №484-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 01.03.2024 с. №77-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 28- уми марти соли 2020, суратмаҷлиси № 8 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Азиззода Убайдулло Абдулло, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 3-юми майи соли 2025, №37 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 20 майи соли 2025, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи **Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»,** чунин хулоса қабул **карда шуд:**

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзуҳои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки оид ба баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ дар бар гирифта, онҳо метавонанд ба рушд ва мукаммал гардонидани ҷанбаҳои муҳимми танзими соҳавию ҳуқуқии муносибатҳои идоракунию давлатӣ, адолати судӣ, оилавӣ, мерос, ҳуқуқи инсон ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ пайвастагии бевосита дорад, ки он ба инкишофи категорияҳои «ҳуқуқшиносӣ» ва «давлатшиносӣ» мусоидат намуда, заминаи мавҷударо барои рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра созад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид

Алии Ҳамадонӣ сарҳадоти фаҳмиши таърих, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсии халқи тоҷик ба маротиб васеъ хоҳад шуд. Аз маводу хулосаҳои диссертатсия метавон дар таҳқиқотҳои оянда ва дар ҷараёни тадриси фанҳои таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, фалсафаи ҳуқуқ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, асосҳои ҳуқуқи исломӣ, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, инчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ истифода намуд.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои баланд бардоштани фарҳанги ҷавонон, махсусан фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, худшиносию худогоҳии мардум, огоҳӣ пайдо намудан аз таъриху фарҳангӣ миллӣ ва ғайра хизмат намояд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои илман асоснок ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили

муносибатҳои идоракунию ҳуқуқӣ ва рушди низоми ҳуқуқи миллӣ аҳаммияти назаррас доранд. Чунончи:

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалли масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ қонунҳои мантиқ ва усулҳои хулосабарории ақлгароиро васеъ истифода намуда, ҳамзамон ба арзишҳои инсондӯстонаи умумибашарӣ ва манфиатҳои ҷамъияту шахс диққати хосса додааст. Ӯ на танҳо мавқеи фиқҳи расмиро мустаҳкам сохт, балки дар доираи усули одобноманависӣ («Насиҳат-ул-мулук»), ки асрҳои миёна дар Шарқ хеле ривоҷ ёфта буд, самти дурусту оқилонаи шарҳи вазъи ҳуқуқии подшоҳон, шахсони мансабдор, табиати ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, шаклҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқ, соҳаҳо, сохторҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи аҳли ҷомеаи онвақтаро дар маҷмуъ ба роҳ мондааст.
2. Пайдоиши ҳокимиятро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар мадди аввал бо иродаи илоҳӣ асоснок карда, бо истифода аз сиёсат ва ахлоқ масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, ҳаққоният ва қонуниятро дар шакли насиҳат хеле моҳирона шарҳ додааст. Дар афкори вай дар раванди ташаккули ҳокимият ҷаҳонбинии подшоҳон аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, ҳангоми муайян сохтани моҳият ва табиати ҳокимият ба пойдорӣ ва устувории ҷамъияту давлат, афзалияти адлу инсоф, сабру таҳаммул, ҳақиқат ва бовиҷдонӣ дар корҳои идоракунии давлатӣ ва фазилатҳои шуҷоат, иффат, хирад ва ғайра аҳаммият дода мешавад. Ба ақидаи мутафаккир ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли махсуси сиёсат, ахлоқ ва ҳуқуқ дар ҷамъият, дар қатори дигар шаклҳои ташкили ҳокимият ва идоракунӣ нақши сарвариро низ бар уҳда дорад.
3. Мутафаккир нақш ва нуфузи баланди раиятро дар пешрафти ҷомеа эътироф мекунад. Маҳз гуногунтабъиву мухталифии қобилияту истеъдоди раият ва гуногунии мизоҷи онҳо зарурияти падид омадани шоҳ ва дастгоҳи идоракунӣ – давлатро, ба амал меорад. Мақсади таъсиси ҳокимият ва давлатро риояи адолат ҳамчун талаботи

пешниҳодшаванда ба мардум ва башарият ташкил медиҳад. Ин талаботи асосии «давлати комил» ва инсони такомулёфта аст, ки бо ду роҳ таъмин карда мешавад: а) тавассути ташаккули маърифати умумӣ, шуури баланди ҷамъиятӣ ва тарбияи баланди ахлоқӣ; б) бо роҳи риояи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ.

4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ зидди ситам ва озори мардум буда, идоракунии истибдориро намепазируфт, зеро дар он манфиатҳои ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои раият поймол карда мешаванд. Мутафаккир аз таҷрибаи подшоҳони одил ва ғояи «ҳокимияти одил»-и донишмандони пешин пуштибонӣ намуда, назарияи устуворро асоснок кардааст. Назарияи мазкур бо истифода аз усули аҳлгароёна асоснок карда шуда, ба ғояҳои идоракунии устувори адолатпеша, риояи қатъии меъёрҳои таъсиси ҳокимияти давлатӣ, фазилату ҳикмати подшоҳ, муносибати одилонаи подшоҳ ба раият, одоби умури давлатӣ ва инсондӯстӣ такя дорад.
5. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳуқуқи андозу закот ва намудҳои молиёт, риояи ҳуқуқу манфиатҳои одамон ҳангоми баамалбарории ҳокимият дар раванди ҷамъоварии молиёт, риояи адолати судӣ ва идоранамоӣ, адолат ва таъмини муносибати инсондӯстона бо аъзои ҷомеа, риояи адолат ва ба инобат гирифтани имконияти моддию иқтисодии одамон дар муносибатҳои андозию молиётӣ пешниҳод карда мешаванд. Илова бар ин, ақидаи мутафаккир оид ба ҷавобгарии андозсупорандагон баён мешавад.
6. Дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ манфиатҳои инсон дар мадди аввал гузошта мешаванд. Айни замон манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи ӯ имтиёзҳои алоҳида ва манфиатҳои инсон танзими ҳуқуқиро талаб менамоянд. Имтиёзҳои мазкур дар мадди аввал ҳуқуқҳои занону кӯдаконро таъмин мекунанд.

Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Муҳаммадшариф дар мавзуи

«Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 тои он дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5.12 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Калонов, Ф.М. Афкори ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. – № 8. – С. 235-239.

**[2-М].** Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Мавқеи таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Шарқ. [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.М. Калонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). 2022. – № 3(27). – С. 48-59.

**[3-М].** Калонов Ф.М. Иникоси маърифати ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсии асри XIV дар эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М.

Калонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. 2024. – № 4(16). – С. 161-166.

**[4-М].** Калонов Ф.М. Мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025. – № 1. – С. 242-247.

**[5-М].** Калонов Ф.М. Таносуби ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Идракунии давлатӣ. 2025 / №1 (72). – С. 274-281.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Калонов Ф.М. Нақши давлат ва ҳуқуқ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили ҳуқуқи инсон. (7 декабри соли 2020). Душанбе, С. 433-440.

**[7-М]. Калонов, Ф.М. Мирзозода А.С.** Инъикоси давлат ва ҳуқуқ дар асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат» (27 уми декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.137-139.

**[8-М]. Калонов Ф.М., Салимов С.** Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021». – (27 уми феврали соли 2021) – Душанбе, 2021. – С. 51-54.

**[9-М]. Калонов Ф.М., Шокирова С.** Муносибати мутақобилаи ахлоқ ва ҳуқуқ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва

такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат». – (27 декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.140-142.

**[10-М]. Азиззода, У.А., Калонов, Ф.М.** Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.М. Калонов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – №2. – С. 12-20.

**[11-М]. Азиззода У.А., Калонов Ф.М.** Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон / Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои назариявии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон" (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 72-83.

**[12-М].** Калонов Ф.М. Нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат». (Конституция как фактор стабильности государства) (25 октябри соли 2024). Душанбе. 2024.– С. 26-32.

**[13-М].** Калонов Ф.М. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ». (ш. Душанбе, 8 июни соли 2024). – Душанбе: «Хирадмандон», 2025 – С. 305-313.

**[14-М] Калонов Ф.М.** Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳокимият / Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 декабри соли 2024). – Душанбе: 2024. – 648 с. – С. 619-624.

**[15-М]. Калонов Ф.М.** Ақидаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Материалы Международной научно-практической конференции XV Ломоносовские чтения «Кооперация науки и национально оррентированных стратегий: цифровая модернизация и иновационное развитие» (22-23 апреля 2025 года). Часть II. Гуманитарные науки. – Душанбе, 2025. – 591 с. – С. 382-387.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи номзадии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 19 нафар, аз ҷумла, 2 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мирализода И.Қ., Холиқзода А.Ғ. 8 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Бобоева Н.И., Саидзода И.И., Искандаров Ш.Ф. Исозода П.А., Сафарализода Д.С., Холиқов Н.А. 2 нафар муаллими калон, Холиқова О.А., Исматова М.Ҳ. 7 нафар ассистент Азимов С.Ш., Аҳадзода А.А., Муминзода М.Н., Бобозода У.Э., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С., Азизов С.С.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси № 10 аз 20-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон И.Қ. Мирализода

**Котиби ҷаласа:** С.С. Азизов

**Имзои И.Қ. Мирализода ва С.С. Азизов - ро**
**тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Тавқиев
«22» майи соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj